## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус)

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот пайдоиш ва хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ раванди ҷаҳонишавиро таъмин намуда, зарурати истифодаи он дар раванди кори таълиму тарбия ва ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз он ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ талаботи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр кард, ки дар шароити ба миён омада талаботи иҷтимоӣ ба ташкили корҳои мақсаднок оид ба хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар раванди ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқӣ ба вуҷуд меояд.

Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таҳсилот бо истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар рушду инкишофи соҳаи номбурда ва ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон нақши муҳим доранд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, масъалаи асосии таҳқиқот, асоснокии методологию назариявии таҳқиқот, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва фарзияҳои кори таҳқиқотӣ таъкид гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст, маълумот дар бораи санҷидани дурустии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шуда, муқарраротӣ барои ҳимоя пешниҳодшаванда баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал «Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синну соли томактабӣ» масъалаҳои таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар адабиёти педагогӣ-психологӣ, нутқ ва аҳамияти он, сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, роҳу усулҳои баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ мегардад.

Дар боби дувум «Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ» андешаҳои муаллиф доир ба тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир, воситаҳои педагогии ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ баён гардидааст.

Дар боби сеюм «Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир» масъалаҳои хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он ва заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки маводи дар кори таҳқиқотӣ гирдовардашуда хеле ҷолиб мебошанд, мазмун ва муҳтавои он ба мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ мувофиқ аст. Дар баробари дастовардҳои дар автореферат зикргардида мо хостем таваҷҷуҳи диссертантро ба баъзе масъалаҳо ҷалб созем:

1. Хуб мебуд агар аз ҷониби муаллиф тавсияҳо барои мураббиён ва волидон дар шакли дастури таълимӣ таҳия мегардид.
2. Дар рисола ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, пешниҳоди зикргардида ба ҷиҳатҳои илмии кори таҳқиқотӣ таъсир надошта, хусусияти тавсиявӣ дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» кори таҳқиқотии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талабот мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимӣ-методии назди
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шавкат

12.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи А.Дониш 50. Тел.(+992) 93 8039392; E-mail: tmetodi@mail.ru

Имзои Каримзода Шавкатро тасдиқ мекунам.

Нозири кадрҳои МҶТМ М. Шарипова

ШУЪБАИ КАДРҲО